АГЕНТИИ ОМОРИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

БАРӮЙХАТГИРИИ АҲОЛӢ ВА ФОНДИ МАНЗИЛИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР СОЛИ 2020

# ДАСТУРАМАЛ
# ДАР БОРАИ ТАРТИБ ДОДАНИ РӮЙХАТИ БИНОҲО (ХОНАҲОИ ИСТИҚОМАТӢ ВА ҒАЙРИИСТИҚОМАТӢ БО НАЗАРДОШТИ ҲУҶРАҲО (КВАРТИРАҲО) ДАР БИНОҲОИ БИСЁРҲУҶРАДОР) ДАР МАҲАЛҲОИ ШАҲРӢ ВА ДЕҲОТ

**Душанбе -2020**

# АГЕНТИИ ОМОРИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## БАРӮЙХАТГИРИИ АҲОЛӢ ВА ФОНДИ МАНЗИЛИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР СОЛИ 2020

Бо фармоиши Агентии омори
назди Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «18 » марти с. 2020 №____
тасдиқ шудааст

# ДАСТУРАМАЛ
# ДАР БОРАИ ТАРТИБ ДОДАНИ РӮЙХАТИ БИНОҲО (ХОНАҲОИ ИСТИҚОМАТӢ ВА ҒАЙРИИСТИҚОМАТӢ БО НАЗАРДОШТИ ҲУҶРАҲО (КВАРТИРАҲО) ДАР БИНОҲОИ БИСЁРҲУҶРАДОР) ДАР МАҲАЛҲОИ ШАҲРӢ ВА ДЕҲОТ

## МУНДАРИҶА

I. САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚӢ ........................................ 4
II. МАФҲУМҲОИ АСОСИЕ, КИ ДАР ВАҚТИ ТАРТИБ ДОДАНИ РӮЙХАТИ БИНО (ХОНАҲО) ИСТИФОДА МЕШАВАНД ........................................ 4
III. ҚОИДАҲОИ УМУМӢ ........................................ 6
IV. ТАРЗИ ТАРТИБ ДОДАНИ РӮЙХАТҲОИ ХОНАҲО БО ИСТИФОДАБАРИИ ПЛАНШЕТ ........................................ 7
V. САВОЛҲОЕ, КИ ДАР БАРНОМАИ ТАЪМИНОТИИ «БАҚАЙДГИРАНДА» БАРОИ ТАРТИБ ДОДАНИ РӮЙХАТИ БИНО (ХОНАҲО) ДАР МАҲАЛҲОИ ШАҲРӢ ВА ДЕҲОТ ДОХИЛ КАРДА ШУДААНД ........................................ 9
VI. ФИРИСТОДАНИ МАЪЛУМОТҲО ВА БА АНҶОМ РАСИДАНИ КОРИ БАҚАЙДГИРАНДА ........................................ 13
VII. ВАРАҚА БАРОИ ТАРТИБ ДОДАНИ РӮЙХАТИ БИНО ХОНАҲО ........................................ 15
VIII. ОҒОЗИ КОР БО ПЛАНШЕТ ........................................ 20
IX. ОҒОЗИ КОРИ БАРНОМАИ «БАҚАЙДГИРАНДА», БАҚАЙДГИРИИ ПЛАНШЕТ ........................................ 28

# I. САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚӢ

Санадҳои асосии меъёрии ҳуқуқӣ, ки тибқи он барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзил гузаронида мешаванд инҳо мебошанд:

- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 майи соли 2009, №523 “Дар бораи барӯйхатгирии аҳолӣ”;
- Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 октябри соли 2015, №572 «Дар бораи тайёрӣ ва гузаронидани барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2020»;
- Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 декабри соли 2016, №511 “Дар бораи чораҳои иловагӣ оид ба тайёрӣ ва гузаронидани барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2020”;
- Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 сентябри соли 2017, №424 “Дар бораи масъалаҳои комиссияи давлатии мусоидати барӯйхатгирии аҳолӣ”;
- Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 сентябри соли 2019, №1356 «Дар бораи гузаронидани барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2020».

**Маълумоти шахсии аз аҳолӣ ҷамъкардашуда махфӣ мебошад. Ягон шахсе, ки барӯйхатгирӣ мегузаронад, ё кормандони мақомоти омор ҳуқуқ надорад маълумоти шахсиро ошкор намояд. Ин маълумот дар шакли ҷамъбаст интишор карда мешавад.**

**Истифодаи маълумоти аввалия ҳангоми баррасии парвандаҳои гражданӣ ва ҷиноятӣ аз тарафи мақомоти дахлдор манъ аст (Моддаи 9 қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи барӯйхатгирии аҳолӣ» аз 19 майи соли 2009, №523).**

# II. МАФҲУМҲОИ АСОСИЕ, КИ ДАР ВАҚТИ ТАРТИБ ДОДАНИ РӮЙХАТИ БИНО (ХОНАҲО) ИСТИФОДА МЕШАВАНД

- **Бақайдгиранда** – корманди муваққатии ҷалбшудаи Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки ба вазифаи ӯ ҳамаи биноҳои истиқоматӣ ва ғайриистиқоматии дар қитъаи бақайдгирии худ бударо ба рӯйхат гирад, дохил мешавад;
- **Қитъаи бақайдгиранда** – қисми маҳалли аҳолинишини шаҳр ё деҳот, ё ин ки як маҳалли аҳолинишин ё ҷамъи маҳалҳои аҳолинишини деҳот, ки барои давр зада баромадани ҳар як бино (хона)-е, ки барои бақайдгиранда муайян карда шудааст, дохил мешавад;

- **<u>Квартал</u>** – қисми сохтмоншудаи ҳудуди маҳалли аҳолинишин, ки бо кӯчаҳо, майдонҳо, тангкӯчаҳо, гузаргоҳҳо ва монанди инҳо маҳдуд карда шудааст, **квартал (маҳал)** ҳисобида мешавад;
- **<u>Массив</u>** – маҷмааи биноҳоро меноманд, ки бо фикри ягонаи меъморӣ муттаҳид карда шудаанд;
- **<u>Бино</u>** – иморате ҳисобида мешавад, ки рақами алоҳидаи мустақил дорад: рақамӣ, ҳарфӣ (масалан, 8/9, корпуси А ва монанди инҳо);
- **<u>Бинои истиқоматӣ</u>** – ин як бинои алоҳида мебошад, ки аз ҳуҷраҳо (утоқҳо), инчунин аз ҳуҷраҳо (утоқҳо)-и ёрирасон иборат аст, ки барои қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти хоҷагии шаҳрвандон ва дигар эҳтиёҷоти марбут ба зиндагӣ дар чунин бино пешбинӣ шудааст;
- **<u>Иморат</u>** - бинои алоҳида истода бо ҳисоби сохтмони зери як боми ҳамин бино ҷойгир буда, ҳисобида мешавад;
- **<u>Бинои ғайриистиқоматӣ</u>** – барои истифодаи саноатӣ, тиҷоратӣ, фарҳангӣ, маърифатӣ, санитарӣ, маъмурӣ ва ғайра пешбинӣ шудааст, ки барои зисти аҳолӣ пешбинӣ нашудаанд;
- **<u>Хонавода</u>** – як шахс ё ҷамъи шахсони дар як бинои зист ё дар қисми он зиндагӣ мекунанд ва танҳо ё дар якҷоягӣ худро бо маҳсулотҳои хӯрока ва дигар воситаҳои зарурӣ ба зиндагӣ таъмин мекунанд.
- **<u>Оила</u>** - ин иттиҳоди одамон, ки дар никоҳи расмӣ ё хешигарӣ асос ёфта, якҷоя зиндагӣ мекунанд, бо ҷавобгарии байниҳамдигарӣ ва ягонагии маишӣ пайваст мебошанд;
- **<u>Бинои бисёрквартирадор</u>** – бино ҳамчун маҷмӯи ду ё зиёда квартираҳои (ҳуҷраҳои) дорои баромадҳои мустақил ё қитъаи замине, ки дар назди бинои истиқоматӣ ҷойгир аст, эътироф карда мешавад;
- **<u>Замин барои истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ</u>** – заминҳои назди ҳавлигӣ (барои истифодаи шахсии коргарон, хизматчиён ва дигар шахсоне, ки дар маҳалҳои шаҳрӣ ва деҳот зиндагӣ мекунанд, ки барои бинои истиқоматӣ ва хоҷагӣ, заминҳои корам, боғ, барои истифодаи шахсӣ таъин шудааст), замини хоҷагии ёрирасони шахсӣ (президентӣ) (барои хоҷагиҳое, ки дар маҳалҳои деҳот истиқомат мекунанд, ҷудо карда мешаванд) ва дигар намуд замин (боғ, токзор ва дигар намуди замин) дохил мешаванд.
- **Маводҳои картографӣ**:
  - **<u>Харитаи ноҳия</u>** – харитаи ҳамаи маҳалҳои аҳолинишин, ки дар варақа ҷойгир карда шудааст ва дар он номҳои ҳамаи маҳалҳои аҳолинишини шаҳр, шаҳрак, ҷамоати деҳот, деҳа, роҳҳои оҳан, роҳҳо бо нишон додани километр, дарёҳо ва монанди инҳо;
  - **<u>Нақшаи схематикӣ</u>** – ки дар он контури массивҳо ва кварталҳо нишон дода, ҳама биноҳои истиқоматӣ ва ғайриистиқоматӣ бо нишон додани рақамҳо, номи кӯчаҳо, хиёбонҳо, гузаргоҳҳо ва ғайра, инчунин

инфрасохтори давлатӣ (маъмуриятҳо, мактабҳо, боғчаҳои кӯдакон, беморхонаҳо ва ғайра), дарёҳо, кӯлҳо, роҳҳои оҳан нишон дода шудааст.

## III. ҚОИДАҲОИ УМУМӢ

1. Тартиб додани рӯйхати биноҳо (хонаҳо) яке аз корҳои асосии давраи тайёрӣ ба барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзил ба ҳисоб меравад.

2. Рӯйхати бино (хонаҳо) заруранд барои:

- дуруст тақсим кардани ҳудуди маҳалҳои шаҳрӣ ва деҳот ба шӯъбаҳои барӯйхатгирӣ, қитъаҳои дастурдиҳӣ ва ҳисобгирӣ, яъне барои ноҳиябандии барӯйхатгирӣ;
- таъмини ҳисоби пурраи аҳолӣ ҳангоми барӯйхатгирии аҳолӣ.

3. Рӯйхати бино (хонаҳо) бо роҳи даврзании бино (хонаҳо) аз тарафи бақайдгирандагони махсус интихобкардашуда тибқи Фармоиши Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 марти соли 2020, №19 (Фармоиши мазкур замима мегардад) **дар ду марҳила аз 5 то 20 апрели соли 2020 ва аз 25 апрел то 10 майи соли 2020** дар маҳалҳои шаҳрӣ ва деҳот тартиб дода мешаванд.

4. Пеш аз саршавии корҳо, бақайдгиранда бояд аз дастурдиҳии омӯзишӣ гузашта, бо сарҳадҳои қитъаи худ шинос шуда, онҳоро бо нақшаи схематикие, ки аз роҳбари шуъбаи омори ноҳия (шаҳр) гирифтааст, муқоиса намояд. Дар мавридҳои зарурӣ сарҳадҳои қитъаҳо бояд бо роҳи даврзании якҷояи роҳбари шуъбаи омори ноҳия (шаҳр) ва бақайдгирандагони қитъаҳои ҳамсарҳад аниқ карда шаванд. Ҳангоми ба анҷом расидани корҳо бақайдгиранда тағйиротҳоро ба нақшаҳои схематикӣ дохил мекунад: дар нақша бино (хонаҳо)-и нав сохташударо дохил карда, аз он вайрон кардашударо хат мезанад.

5. Дар маҳалҳои шаҳрӣ ва деҳаҳои калон, ки нақшаҳои схематикӣ истифода мешаванд, рӯйхатҳои бино (хонаҳо) аз рӯи квартал (маҳал) тартиб дода мешаванд, аввал бояд бино (хонаҳо)-и як кварталро давр зада баромада, ба рӯйхати бино (хонаҳо) паиҳам аз рӯи тартиби рақамҳо навиштан лозим аст, сипас хонаҳои квартали дуюмро давр зада баромада, онҳоро аз рӯи ҳамин тартиб ба рӯйхат навиштан лозим аст ва ҳоказо.

Дар маҳалҳои деҳот, ки нақшаҳои схематикӣ истифода намешаванд, бояд тартиб додани рӯйхати бино (хонаҳо)-ро аз тарафи рости саршавии деҳа оғоз намуда, ҳар як бино (хона)-ро паиҳам навишта, ягон биноро аз назар ғоиб намонад. Дар баъзе ҳолатҳо, дар вақти паиҳам навиштани биноҳо душвориҳо пайдо мешаванд, ҳатман эзоҳ дода мешавад.

6. **<u>Тартиб додани рӯйхати бино (хонаҳо) аз рӯи кӯчаҳо иҷозат дода намешавад.</u>** Дар мавридҳои алоҳида рӯйхат аз рӯи кӯчаҳо танҳо дар ҳамон маҳалҳои шаҳрӣ ё қисми маҳалҳои шаҳрӣ ва деҳот тартиб дода мешавад, ки агар онҳо аз як ё якчанд кӯчаҳои ба ҳам мувозӣ иборат бошанд. Агар кӯча масофаи дароз дошта бошад ва имконияти ба қисмҳо тақсим кардани он мавҷуд бошад, ки ин қисмҳо аз якдигар бо тангкӯчаҳо, гузаргоҳҳо ва монанди инҳо ҷудо бошанд, он гоҳ рӯйхати бино (хонаҳо)-ро барои ҳар як қисми алоҳида тартиб додан лозим аст.

7. Кварталҳо ва маҳалҳо дар нақшаи схематикии маҳалҳои шаҳрӣ бояд аз рӯи тартибе, ки аз тарафи корхонаи фаръии бақайдгирии техникӣ қабул карда шудааст, рақамгузорӣ карда шаванд. Дар ҳамон ҳолатҳое, ки агар корхонаи фаръии бақайдгирии техникӣ нишонагузории кварталҳоро надошта бошад, роҳбари шуъбаи омори ноҳия (шаҳр) бояд онҳоро пурра аз рӯи шаҳр ё ноҳия рақамгузорӣ намояд. Дар нақшаҳои схематикии деҳаҳои калон кварталҳо (маҳалҳо) бояд бо тартиби рақамӣ дар ҳудуди ҳамин маҳалҳо рақамгузорӣ карда шаванд.

8. Дар маҳалҳои деҳот ба планшети ҳар як бақайдгиранда тариқи автоматикӣ номгӯи маҳалҳои деҳот муайян ва дохил карда мешавад, ки дар онҳо рӯйхати хонаҳо тартиб дода мешавад.

9. Ҳангоми давр зада баромадани бино (хонаҳо) ва тартиб додани рӯйхати бино (хонаҳо) бақайдгиранда нақшаи схематикии қитъаи бақайдгирии худро аниқ менамояд, бино (хонаҳо)-и навсохташуда ва сохта шудаистодаро ба нақшаи схематикӣ дохил менамояд ва хонаҳои вайронкардашударо хат мезанад. Бақайдгиранда оиди дар кӯчаҳои алоҳида набудани лавҳаҳо бо номи кӯчаҳо ва ё рақамҳо дар бино (хонаҳо)-и алоҳида бояд дар рӯйхатҳо қайд намояд. Дар бораи ҳамаи ислоҳотҳо ва камбудиҳо, ки ҳангоми давр зада баромадан муайян карда шудаанд, бақайдгиранда бояд ба роҳбари шуъбаи омори ноҳия (шаҳр) хабар диҳад.

## IV. ТАРЗИ ТАРТИБ ДОДАНИ РӮЙХАТҲОИ ХОНАҲО БО ИСТИФОДАБАРИИ ПЛАНШЕТ

10. Бақайдгиранда аз роҳбари шуъбаи омори ноҳия (шаҳр) маводҳои зеринро қабул менамояд:

- планшет;
- шаҳодатномаи бақайдгиранда;
- варақаҳои рӯйхати бино (хонаҳо) (5 фоиз захира);
- дастурамал дар бораи тартиб додани рӯйхатҳо;
- нақшаи схематикии қитъа;

- суроғаҳои қитъаҳои истифодабарии манзилӣ, раёсатҳои хонадорӣ, раисони маҳалла ва монанди инҳо, нозирони хонаҳои муассисавӣ.

11. Рӯйхати бино (хонаҳо)-ро бақайдгиранда дар планшет ба ҳар як бино (хона)-е, ки дар қитъаи бақайдгирии ӯ мавҷуд аст ва дар он барномаи таъминотии **«Бақайдгиранда»** сабт шудааст, ворид менамояд. Дастурамал оид ба истифодабарии планшет дар қисмати поён оварда шудааст. Дар бораи қабули планшет аз бақайдгиранда дар вақти дастурдиҳии омӯзишӣ дар бораи тартиб додани рӯйхати бино (хонаҳо) дар маҳалҳои шаҳрӣ ва деҳот забонхат гирифта мешавад.

12. Ба рӯйхати бино (хонаҳо) ҳамаи хонаҳои дар ҳудуди квартал, массив, кӯча, деҳаи мазкур вуҷуд дошта, ки дар онҳо аҳолӣ зиндагӣ дорад ё метавонад зиндагӣ кунад, аз он ҷумла, хонаҳои аз тарафи корхонаҳо ва муассисаҳо ишғолбуда, навишта мешаванд.

Хонаҳое, ки берун аз квартал, массив ё деҳа (деҳаи хурди аҳолинишин) ҷойгиранд, яъне дар масофаи дур аз онҳо воқеанд, ба рӯйхати бино (хонаҳо)-и ҳамон квартал, массив ё деҳа дохил карда мешаванд, ки ба он наздик ҷойгир шудаанд; чунин хонаҳо ба рӯйхат пас аз ба рӯйхат дохил кардани ҳамаи хонаҳои квартал, массив ё деҳа дохил карда мешаванд. Онҳоро пас аз навиштани хонаи охирини квартал, массив ё деҳа дар эзоҳ зери сарлавҳаи «Берун аз квартал» ё «Берун аз массив» ва дар деҳаҳо бошад зери сарлавҳаи «Бино (хонаҳо)-и алоҳида истода» навиштан лозим аст.

Қитъаҳое, ки дар онҳо сохтмони иморатҳои истиқоматӣ ва ғайриистиқоматӣ рафта истодааст ва қитъаҳое, ки дар онҳо сохтмон ҳоло сар карда нашудааст, ба онҳо рақам дода шудааст, ё надорад, инчунин бояд ба рӯйхат дохил карда шаванд, зеро то саршавии барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзил сохтмон дар онҳо метавонад ба итмом расад ва дар ин иморатҳо метавонад аҳолӣ зиндагӣ кунад.

Барои аз назар ғоиб намондани хонаҳои алоҳида диққати махсусро ба ҳисоби хонаҳои хамгашт, иморатҳои дохили кварталҳо ва иморатҳои алоҳида истодаи (берун аз кварталҳо, массив ё деҳа) дар канори маҳалҳои шаҳрӣ воқеъбуда ва дар деҳаҳои калон бошад – ба ҳисоби иморатҳое, ки аз маҳалли аҳолинишини асосӣ алоҳида ҷойгиранд, додан лозим аст.

13. Ҳар як бино (хона) ба рӯйхат дар сатри алоҳида бо нишондиҳии шумораи иморатҳо дохил карда мешавад.

Бино (хонаҳо) ба рӯйхат паиҳам аз рӯи тартиби ҷойгиршавии онҳо дар ҳамаи тарафҳои квартал, деҳа дохил карда мешаванд. Дар ин ҳолат хонаҳо ва иморатҳои бисёрквартирадор, ки дар дохили квартал ё деҳа ҷойгиранд, бо тартиби рақамҳои квартираҳо аз рӯи кӯчаи мувофиқ навишта мешаванд.

14. Дар барномаи таъминотии **«Бақайдгиранда»** рӯйхати номи вилоят шаҳр (ноҳия), шаҳрак, ҷамоати деҳот, деҳа, кӯчаҳо, тангкӯчаҳо, хиёбонҳо ва ҳоказо дохил карда мешавад, ки дар вақти кори бақайдгиранда аз шумораи ин номгӯй, интихоб менамояд. Дар ҳолати дар маҳзани маълумотҳо мавҷуд набудани чунин номгӯи деҳа, кӯчаҳо, тангкӯчаҳо, хиёбонҳо ва ҳоказо, он гоҳ бақайдгиранда ба роҳбари мақомоти маҳаллии омор дар бораи мавҷуд набудани ин номгӯйҳо хабар медиҳад.

Дар баъзе маҳалҳои деҳот номгӯи маҳал, ё номи кӯча ва бино (хонаҳо) рақамгузорӣ карда шудааст. Дар ин мавриди, бақайдгиранда дар маҳалҳои деҳот, ки рақами бино (хона) доранд, ҳатман бояд аз рақами аввали бино (хона) корро оғоз намояд.

Мисол, дар деҳаи Навобод пурра бино (хонаҳо) рақамгузорӣ карда шудааст. Бақайдгирандаро зарур аст, ки тартиб додани рӯйхати бино (хонаҳо)-ро аз бинои якум Навобод 1, спипас Навобод 2 ва дигар оғоз карда, пайҳам ҳамаи бино (хонаҳо)-ро ба рӯйхат дохил менамояд.

Дар маҳалҳои деҳот, ки номи кӯча ва бино (хонаҳо) рақамгузорӣ карда нашудааст, бақайдгиранда дар ин маҳалҳои деҳот аз тарафи рости деҳа ба тартиб додани рӯйхати бино (хонаҳо)-ро оғоз намуда, ба бино (хонаҳо) рақами тартиби дар дохили деҳа мегузорад.

Мисол, бақайдгиранда дар деҳаи Ваҳдат тартиб додани рӯйхати бино (хонаҳо)-ро аз бинои якум деҳаи Ваҳдат оғоз намуда, ба бино (хона)-и якум рақами 1, бино (хона)-и дуюм рақами 2 ва ғайра мегузорад.

15. Аз рӯи қитъаҳое, ки дар онҳо сохтмони биноҳои истиқоматӣ ё ғайриистиқоматӣ рафта истодааст (агар дар онҳо ҳоло ҳеҷ кас истиқомат накунад), рақами хона, намуди бино (хона), номгӯи муассиса ё корхона, ки ин бино (хона)-и сохташудаистода ба он тааллуқ дорад, ё ному насаби иморатсоз, шумораи аҳолии истиқоматкунанда навишта мешавад, инчунин дар эзоҳ «Хона сохта шуда истодааст» навишта мешавад.

## V. САВОЛҲОЕ, КИ ДАР БАРНОМАИ ТАЪМИНОТИИ «БАҚАЙДГИРАНДА» БАРОИ ТАРТИБ ДОДАНИ РӮЙХАТИ БИНО (ХОНАҲО) ДАР МАҲАЛҲОИ ШАҲРӢ ВА ДЕҲОТ ДОХИЛ КАРДА ШУДААНД

16. Рақами тартибии ҳар як бино (хона) тариқи автоматикӣ пур карда мешавад.

**«Кӯча»** - номи хиёбон, кӯча, майдон, гузаргоҳ, тангкӯча, деҳа ва монанди инҳо дар барномаи таъминотии **«Бақайдгиранда»** сабт карда мешавад. Дар вақти пур кардани рӯйхат ба бақайдгиранда зарур аст,

ки номи хиёбон, кӯча, майдон, гузаргоҳ, тангкӯча, деҳа ва монанди инҳоро аз рӯйхати баромадашуда интихоб намояд.

Дар маҳалҳои шаҳрӣ ва деҳаҳои калон, ки нақшаҳои схематикӣ истифода мешаванд, рақами квартал, ки дар нақша нишон дода шудааст, гузошта мешавад.

**«Рақами бино (хона)»** - рақами бино (хона) навишта мешавад. Барои бино (хонаҳо)-е, ки рақамгузории иловагии рақамӣ ё ҳарфӣ доранд, ҳамчунин нишонии асосӣ ва нишонии иловагӣ навишта мешавад. (масалан, 8а, 5/1 ва ғайра).

Агар хона аз якчанд бинои калони бисёрквартирагӣ ё дигар иморатҳои бо рақамгузории иловагӣ ишора карда шуда иборат бошад (масалан, бинои А, бинои Б ё бинои 1, бинои 2 ва ғайра), он гоҳ ҳар як чунин бино ё иморат ба рӯйхат дар сатри алоҳида бо нишон додани рақами умумии кӯча ва рақами бино навишта мешавад (масалан, 5 бинои А, 5 бинои Б, 1/18 бинои 1, 1/18 бинои 2 ва ғайра). Мисол, агар бинои бисёрквартирадор дар кӯчаи Зарафшон 2, М12 бинои 2 ҷойгир шуда бошад, онгоҳ дар барномаи таъминотии **«Бақайдгиранда»** рақами квартал, номи кӯча Зарафшон 2 аз рӯйхати кӯчаҳо интихоб намуда, рақами бино 2 ва дар рамзи иловагӣ М12 навишта мешавад ва саволҳои дигарро тибқи барнома пур менамояд.

Агар як бино (хона) ду рақам дошта бошад (масалан, 7, 7/1) ва дар он ду хонавода истиқомат кунад, онгоҳ ҳамчун бинои бисёрквартирагӣ ба ҳисоб гирифта мешавад. Мисол, агар бинои (хона) рақами 7 ва 7/1 дошта бошад ва дар он хонаводаи Азизов А. дар рақами 7 ва дар рақами 7/1 хонаводаи Саидов А. истиқомат мекунад. Дар ин маврид дар намуди бино, бинои бисерквартирагӣ 4.3 интихоб намуда, ба хонаводаи Азизов А. квартираи 1 ва ба хонаводаи Саидов А. квартираи 2 гузошта шуда, маълумотҳои дигар ба ҳар як квартира пур карда мешавад.

**«Навъи бино (хона)»** - навъи бино (хона)-и истиқоматӣ ва ғайриистиқоматиро муайян намудан зарур аст. Бақайдгирандаро зарур аст, ки навъҳои бино (хона)-и зеринро муайян намуда, аз рӯйхат як намуди бино (хона)-ро интихоб намояд:

**Намуди 1** - хонаи инфиродӣ (хонаи як квартирагии бутун, ки як хонавода ишғол кардааст);

**Намуди 2** – бино (хона) барои истиқомати мавсимӣ (бӯстонсаройҳо, кӯшкҳо ва ҳ.к.);

**Намуди 3 -** хонаи бисёрквартирагӣ (бо дарназардошти навъи барак);

**Намуди 4 -** сохтмонҳои истиқоматии нотамом (мавҷудияти пойдевор ва дигар қисмҳои таркибии бино);

**Намуди 5** – бинои ғайриистиқоматӣ, ки барои истиқомати аҳолӣ номусоид ҳастанд, лекин баъзе ҳолатҳо аҳолӣ метавонад дар он истиқомат намояд;

**Намуди 6** – муассисае, ки дар он аҳолӣ доимӣ дар хонаҳои кӯдакон, хона – интернатҳо барои пиронсолон ва маъюбон, мактаб-интернатҳо, интернатҳои назди мактабӣ ва монанди инҳо истиқомат менамоянд;

**Намуди 7** - навъи дигар (хайма, юрта, вагонча ва ҳоказо).

**«Шумораи ошёнаҳо» -** шумораи ошёнаҳо дар бино (хонаҳо)-и истиқоматии бисёрквартирадор (бо рақам) нишон дода мешавад. Ба манзилҳои истиқоматии инфиродӣ, хона барои истиқомати мавсимӣ, ғайриистиқоматӣ, муассисаҳо, мактаб-интернатҳо, интернатҳои назди мактабӣ, ва ҳоказо шумораи ошёнаҳо гузошта намешавад.

**«Соҳиби бино (хона)» -** номгӯи муассиса, корхонае, ки бино (хона) ба он тааллуқ дорад (қитъаи истифодабарии манзилии №4, раёсати хонаҳои №1, заводи кимиёвӣ, фабрикаи бофандагӣ ва монанди инҳо), ё ному насаби соҳиби хона навишта мешавад. Ному насаби соҳибхона бояд пурра навишта шавад (Мисол, Саидов Саид Саидович).

**«Шумораи иморатҳо» -** шумораи иморатҳо танҳо дар бинои бисёрквартирагӣ, ки дар зери рақами кӯчагии (суроғавии) бино (хона) ифода ёфтаанд, навишта мешавад.

**«Шумораи квартираҳо» -** маълумот дар бораи шумораи квартираҳо дар бинои бисёрквартирадор гузошта мешаванд. Маълумотро дар бораи шумораи квартираҳо бақайдгиранда аз рӯи бино (хонаҳо)-и истиқоматии дар тобеияти ташкилотҳои раёсати истифодабарии роҳҳо (РИР), раёсати истифодабарии манзилгоҳҳо (ИСМ), комбинати манзилии сохтмонӣ (КМС), раёсати хонаҳо ва дигар идораҳо бударо аз ҳамин ташкилотҳо, ё аз роҳбари мақомоти маҳаллии омор мегирад.

Маълумотҳоро аз рӯи хонаҳои истиқоматии ба корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳо тааллуқ дошта, хонаҳои кӯдакон, хона-интернатҳо барои пиронсолон ва маъюбон, мактаб - интернатҳо, интернатҳои назди мактабӣ ва монанди инҳо – бақайдгиранда аз коменданти ин бино (хонаҳо), ё маъмурияти корхонаҳо, муассисаҳо, ташкилотҳо; аз рӯи бино (хонаҳо)-и бисёрквартирагӣ, ки дар моликияти шахсии шаҳрвандон мебошанд, аз соҳибони ҳамин хонаҳо мегирад.

Дар иморатҳои истиқоматии навъи хобгоҳҳо бо аҳолии доимӣ истиқоматкунанда (хонаҳои кӯдакон, хона – интернатҳо барои пиронсолон ва маъюбон, хобгоҳҳои корхонаҳо, муассисаҳо ва таълимгирандагони муассисаҳои таълимӣ) миқдори ҳуҷраҳое, ки дар онҳо аҳолии доимӣ зиндагӣ мекунад ва шумораи аҳолии доимии дар ин ҳуҷраҳо истиқоматкунанда навишта мешавад.

Дар беморхонаҳо, таваллудхонаҳо, шифохонаҳо, меҳмонхонаҳо, хонаҳои истироҳатӣ ва монанди инҳо муассисаҳо, ки дорои манзил мебошанд дар онҳо ҳайати кормандони хизматрасон ё дигар шахсон доимо зиндагӣ мекунанд, рақами квартал, намуди бино (4.7 муассиса), ки дар онҳо доимӣ истиқомат мекунад шумораи чунин аҳолии доимо истиқоматкунадаро навиштан лозим аст.

**«Рақами квартира» -** маълумот дар бораи ҳар як квартираи бинои бисёрквартирадор навишта мешавад. Бақайдгиранда ба ҳар як квартира ташриф оварда, шумораи аҳолӣ ва дигар маълумотҳоро аз соҳибони квартира, ё истиқоматкунандагони ин квартира навишта мегирад.

**«Шумораи хонаводаҳо» -** шумораи умумии хонавода навишта мешавад, ки дар манзили истиқоматӣ истиқомат менамоянд. Мафҳуми хонавода дар **саҳифаи 4** оварда шудааст.

**«Шумораи оилаҳо»** шумораи умумии оилаҳо, ки дар манзили истиқоматӣ истиқомат мекунанд, навишта мешавад. Мафҳуми оила дар **саҳифаи 4** оварда шудааст.

**«Шумораи умумии аҳолӣ дар манзили истиқоматӣ» -** шумораи умумии аҳолие, ки дар манзили истиқоматӣ истиқомат менамоянд, навишта мешавад. Шахсоне, ки дар лаҳзаи тартиб додани рӯйхати бино (хонаҳо) муваққатан ғоиб ҳастанд, ба шумораи умумии аҳолии манзили истиқоматӣ дохил карда мешаванд. Шахсоне, ки дар лаҳзаи тартиб додани рӯйхати бино (хонаҳо) дар манзили истиқоматӣ муваққатан қарор доранд, ба шумораи умумии аҳолӣ дохил карда намешаванд.

**«Шумораи умумии аҳолӣ дар муассисаҳо» -** шумораи умумии аҳолии доимо истиқоматкунандагони хонаҳои кӯдакон, хона-интернатҳо барои пиронсолон ва маъюбон, мактаб - интернатҳо, интернатҳои назди мактабӣ навишта мешавад.

Агар шахсоне, ки дар беморхонаҳо, таваллудхонаҳо, шифохонаҳо, меҳмонхонаҳо, хонаҳои истироҳатӣ ва монанди инҳо доимӣ истиқомат мекунанд, номи муассиса, шумораи хонаводаҳо, оилаҳо ва шумораи умумии аҳолӣ навишта мешавад. Мисол, дар меҳмонхонаи «Наврӯз» посбон бо хонаводааш (3 нафар) доимӣ истиқомат мекунад. Дар ин маврид, дар барнома рақами квартал, номи кӯчаро интихоб намуда, номи муассиса меҳмонхона «Наврӯз», шумораи хонавода - 1, оила - 1, шумораи умуми - 3 нафар ва дар эзоҳ «посбон» навишта мешавад.

**«Мавҷудияти заминҳо барои фаъолияти кишоварзӣ» -** муайян кардан зарур аст, ки оё хоҷагӣ замин барои истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ (коркард, истифода) дорад? Агар ҳа, хоҷагӣ кадом намуди заминро дорад, интихоб кардан зарур аст.

Ба намудҳои замин дохил мешаванд:

а) замини наздиҳавлигӣ;

б) замини хоҷагии ёрирасони шахсӣ (заминҳои президентӣ);

в) дигар (боғ, токзор ва дигар намудҳои замин).

Ба ҳар намуди замини овардашуда «ҳа» ё «не» кайд карда шавад.

Агар не бошад, ба саволи дигар гузаред.

**«Мавҷудияти чорвои хонагӣ барои фаъолияти кишоварзӣ» -** муайян кардан зарур аст, ки оё хоҷагӣ бо мақсади истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дилхоҳ чорвои хонагӣ дорад?

Ба намудҳои чорвои хонагӣ дохил мешаванд:

а) саршумори чорвои калони шохдор;

б) саршумори чорвои майдаи шохдор;

в) паранда;

г) дигарҳо.

Агар дар хонавода чорвои хонагӣ бошад, «ҳа» аломатгузорӣ карда мешавад, агар не бошад, аломати «не» қайд намуда ба саволи дигар гузаред.

**«Рақами телефон» -** рақами телефони шахси пурсидашуда навишта мешавад. Агар дар хонавода якчанд рақами телефон мавҷуд бошад, он гоҳ он рақаме, навишта мешавад, ки он бисёр вақт фаъол аст.

**«Дастрасӣ ба Интернет» -** ба бақайдгиранда зарур аст, ки оё хоҷагӣ ба Интеренет дастрасӣ дорад (бо воситаи компютер, алоқаи мобилӣ), муайян намояд. Агар ҳа бошад, қайди **«ҳа»** қайд карда мешавад.

**«Эзоҳ» -** эзоҳ нисбати ҳар як бино (хона) навишта мешавад, ки дар вақти ташриф мушкилиҳо пайдо шуданд ва дар оянда дар вақти гузаронидани барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзили соли 2020 метавонад кумак расонад.

**«Координатаи GPS»** - баъди ба анҷом расидани сабти ҳар як бино (хона), бояд бақайдгиранда координати GPS-и ҳар як бино (хона)-ро сабт кунад. Дар барномаи **«Бақайдгиранда»** дар қисми поён тугмача насб карда шудааст, ки ҳангоми пахш кардан тариқи автоматикӣ координатаҳои ҷойгиршавии бино (хона)-ро сабт мекунад.

## VI. ФИРИСТОДАНИ МАЪЛУМОТҲО ВА БА АНҶОМ РАСИДАНИ КОРИ БАҚАЙДГИРАНДА

17. Бақайдгиранда ҳар рӯз аз рӯи ҷамъбасти кор маълумотҳоро ба маҳзани маълумотҳо ба Агентии омор бояд ирсол намояд. Дар ҳолати мушкилиҳо, ё маҳдуд будани Интернет ба роҳбари мақомоти маҳаллии омор хабардор намояд, ки ӯ маълумотҳоро сари вақт ирсол карда натавонист.

Дар ҳолате, ки дастрасӣ ба Интернет маҳдудият аст (ин метавонад дар минтақаҳои дурдаст бошад), он гоҳ маълумотҳоро дар вақти дастрасӣ ба Интернет ирсол намояд. Бақайдгирандаро зарур аст, ки

боварӣ ҳосил намояд, ки маълумотҳои дар давоми рӯз барӯйхат гирифташударо ирсол менамояд. Дар ҳолати вайрон шудани планшет, ё аз кор баромадани барномаи таъминотӣ ба бақайдгиранда зарур аст, ки роҳбари мақомоти маҳаллии оморро сари вақт хабардор намояд.

18. Дар мӯҳлати муқарраршуда бақайдгирандагон планшетро бо рӯйхати бино (хонаҳо)-и пур кардашуда якҷоя бо нақшаҳои схематикӣ ҳангоми даврзанӣ аниқ кардашудаи қитъаҳо ба роҳбари мақомоти маҳаллии омор месупоранд.

**Раёсати барӯйхатгирии аҳолии**
**Агентии омори назди Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон**

*Замимаи 1*

# VII. ВАРАҚА БАРОИ ТАРТИБ ДОДАНИ РӮЙХАТИ БИНО ХОНАҲО

**АГЕНТИИ ОМОРИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**Барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзил дар соли 2020**

## ВАРАҚА БАРОИ ТАРТИБ ДОДАНИ РӮЙХАТИ БИНО (ХОНАҲО)

*Барои истифодаи хизматӣ*

Бо Фармоиши Агентии омории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ___. 03. 2020, №___ тасдиқ карда шудааст.

Вилояти______________________________

Ноҳия (шаҳр)-и______________________________

Ҷамоат деҳот (шаҳрак)-и______________________________

Маҳалли аҳолинишини деҳоти______________________________

Маҳалли хурди аҳолинишини деҳоти______________________________

№ квартал, маҳал (ё номи кӯча) ______________________________

______________________________

| № т.т. | Номи хиёбон, кӯча, майдон, тангкӯча, гузаргоҳ, маҳалли аҳолинишини деҳот ва монанди инҳо | Рақами бино (хона) | Намуди бино (хона) | | | | | | | Шумораи ошёнаҳо | Номгӯи муассиса, корхонае, ки бино (хона) ба он тааллуқ дорад ё ному насаби соҳиби хона (пурра нависед) | Шумораи иморатҳои истиқоматӣ ва ғайриистиқоматӣ (барои зиндагонии аҳолӣ мусоиданд) |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | хонаи истиқоматии инфиродӣ | хона барои истиқомати мавсимӣ | бинои бисёрквартирагӣ | бинои истиқоматии нотамом | бинои ғайриистиқоматӣ | муассиса | дигар намуд | | | |
| 1 | 2 | 3 | 4.1 | 4.2 | 4.3 | 4.4 | 4.5 | 4.6 | 4.7 | 5 | 6 | 7 |
| | | | | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | | | |

| Шумораи квартираҳо, якҷоя бо квартираҳои холӣ | Рақами квартира, барои бинои бисёрквар-тирагӣ | Шумораи хонаво-даҳо, адад | Шумораи оилаҳо дар хонаводаҳо, адад | Аҳолӣ дар лаҳзаи тартиб додани рӯйхат, нафар | Шумораи аҳолии доимо истиқоматкунан-дагон дар мактаб - интернатҳо, хонаҳои кӯдакон, хона - интернатҳо барои пиронсолон ва маъюбон ва монанди инҳо | Оё хоҷагӣ замин барои истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ (коркард, истифода) дорад ? | | | | Оё хоҷагӣ бо мақсади истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дилхоҳ чорвои хонагӣ дорад? | | Рақами телефон | Мавҷудияти Интеренет | | Эзоҳ | GPS-коор-дината |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | 1. ҳа | | | 2. не | | | | | | | |
| | | | | | | а) замини назди-ҳавлигӣ | б) замини хоҷагии ёрирасонӣ шахсӣ (заминҳои президентӣ) | в) дигар | | 1. ҳа | 2. не | | 1. ҳа | 2. не | | |
| 8 | 9 | 10 | 11 | 12 | 13 | 14.1 | 14.2 | 14.3 | 14.4 | 15.1 | 15.2 | 16 | 17.1 | 17.2 | 18 | 19 |
| | | | | | | | | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | | | | | | | |

*Замимаи 2*

АГЕНТИИ ОМОРИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

# ФАРМОИШ

аз 12 марти соли 2020 № 19 шаҳри Душанбе

**Дар бораи гузаронидани корҳои тартиб додани рӯйхати биноҳо (хонаҳои истиқоматӣ ва ғайриистиқоматӣ бо назардошти ҳуҷраҳо (квартираҳо) дар биноҳои бисёрҳуҷрадор)**

Мутобиқи банди 13-и "Низомномаи Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 апрели соли 2010, №862 тасдиқ карда шудааст, бахри иҷрои Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи гузаронидани барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2020" аз 30 сентябри соли 2019, №1356 тасдиқ карда шудааст ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи масъалаҳои комиссияи давлатии мусоидати барӯйхатгирии аҳолӣ" аз 7 сентябри соли 2017, №424 тасдиқ карда шудааст

**ф а р м о и ш м е д и ҳ а м:**

1. Бо мақсади дастрас намудани маълумот дар бораи шумора ва ҷойгиршавии биноҳо (хонаҳои истиқоматӣ ва ғайриистиқоматӣ бо назардошти ҳуҷраҳо (квартираҳо) дар биноҳои бисёрҳуҷрадор) ва шумораи аҳолии доимӣ, корҳои тартиб додани рӯйхати биноҳо (хонаҳои истиқоматӣ ва ғайриистиқоматӣ бо назардошти ҳуҷраҳо (квартираҳо) дар биноҳои бисёрҳуҷрадор) дар ду давра:

- давраи 1 – ум дар вилояти Суғд, шаҳрҳои Душанбе, Ҳисор ва ноҳияҳои Рудакӣ, Варзоб аз 1 то 25 апрели соли 2020;
- давраи 2-ум дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилояти Хатлон, шаҳрҳои Турсунзода, Рогун, Ваҳдат, ноҳияҳои Шаҳринав, Файзобод, Нуробод, Рашт, Тоҷикобод, Лахш ва Сангвор аз 25 апрел то 20 майи соли 2020,

бо назардошти омӯзиш (3 рӯз), ба имзо расонидани шартномаи меҳнатӣ (1 рӯз) даврзании назоратӣ (2 рӯз), қабул ва супоридани маводҳо (планшет ва харита) (3 рӯз), гузаронида шавад.

2. Меъёри сарбории бақайдгирандагон барои кор бо истифода аз планшет аз рӯи ҷойгиршавии маҳалҳои аҳолинишин (махсусан дар деҳот) ва тартиби ҷойгиршавии биноҳо ба ҳисоби миёна 650 бино (хонаҳои истиқоматӣ ва ғайриистиқоматӣ бо назардошти ҳуҷраҳо (квартираҳо) дар биноҳои бисёрҳуҷрадор) муқаррар карда шавад.

3. Сардори шӯъбаи молия ва ҳисоботи Агентӣ (Сабурова Н.):

- тибқи муқаррароти қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 сентябри соли 2017 №424, бандҳои 16 ва 17, музди меҳнати кормандонеро, ки ба корҳои муваққатӣ ҷалб карда мешаванд, ҳисоби намуда ба Сарраёсатҳои Агентии омор дар вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ пешниҳод намояд;

- барои пардохти маблағи корҳои иҷрошуда бо тариқи ғайринақдӣ, бо мақомоти омор дар маҳалҳо чораҷуи намояд;

4. Сарпарастони кул дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои тобеи марказ иштироки худ ва шахсони масъулро дар корҳои дастурдиҳии омӯзишӣ ва тартиб додани рӯйхати биноҳо (хонаҳои истиқоматӣ ва ғайриистиқоматӣ бо назардошти ҳуҷраҳо (квартираҳо) дар биноҳои бисёрҳуҷрадор)-ро дар мақомоти маҳаллии омор таъмин намоянд.

5. Роҳбарони мақомоти маҳалии омор:

- ба корҳои тартиб додани биноҳо (хонаҳои истиқоматӣ ва ғайриистиқоматӣ бо назардошти ҳуҷраҳо (квартираҳо) дар биноҳои бисёрҳуҷрадор) шахсони соҳибмаълумотро (аз ҳисоби сокинони муваққатан бекори дорои маълумоти кофӣ, кормандони соҳаҳои маориф ва тиб, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунӣ ва ғайраҳо), ки аз техникаи муосир (планшет) истифода бурда метавонанд, ба кор ҷалб намоянд;

- то 25 марти соли 2020 рӯйхати кормандони муваққатан ҷалбшударо тибқи намунаи ирсолшуда, ки бо қарори раиси мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар маҳал тасдиқ шудааст, бо нусха аз қарори дахлдор ба Агентии омор пешниҳод намоянд;

- бо кормандони муваққатан ҷалбшуда, ки бо қарори раиси шаҳр (ноҳия) тасдиқ карда шудаанд пас аз пешниҳоди ҳуҷҷатҳои зарурӣ, шартномаи меҳнатӣ ба имзо расонида, оиди сари вақт пардохт намудани маблағи дар шартнома дарҷ гардида, чораандешӣ намоянд;

- бо кормандони муваққатан ҷалбшуда тибқи нақшаи пешниҳоднамудаи Агентии омор дастурдиҳии омӯзишӣ гузаронида, иҷрои хатмии вазифаи дар назди онҳо гузошташударо зери назорат гиранд;

- аз Агентии омор қабул кардан ва дар муҳлати муайяншуда бозпас гардонидани планшетҳоро таъмин намоянд.

5. Сардори Раёсати барӯйхатгирии аҳолии Агентии омор (Муродов В.):

- дар ҳамкорӣ бо раёсати барномасозии Муассисаи давлатиии "Маркази кулли ҳисоббарорӣ"-и Агентии омор оиди дар муҳлатҳои муайяншуда дастрас намудани маводҳои зарурӣ (планшетҳо бо насби барнома) ба мақомоти омори маҳаллӣ чораандешӣ намояд;

- иштироки кормандони муваққатан ҷалбшавандаро дар дастурдиҳиҳои омӯзишӣ дар маҳалҳо дар ҳамкорӣ бо шахсони масъул (сарпарастон аз Агентии омор МД "МКҲ", Сарраёсатҳо) зери назорати қатъӣ гирад;

- кормандони раёсатро барои иштирок дар дастурдиҳиҳои омӯзишӣ дар маҳалҳо сафарбар намояд.

6. Сардори шӯъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси Агентии омор (Комилов А.) бо роҳбарони мақомоти омор дар маҳалҳо барои муваққатан ба кор ҷалб намудани кормандон тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ корҳои назорати гузаронида, ёрии амалӣ расонад.

7. Назорати иҷрои Фармоиши мазкур ба зиммаи Муовинони Директори Агентӣ вогузор карда шавад.

| | |
|---|---|
| Директор | Г. Ҳасанзода |
| Лоиҳаи Фармоишро омода намуд:<br>Сардори раёсати барӯйхатгирии аҳолӣ | В. Муродов |
| Мувофиқа карда шуд: | |
| Муовини якуми Директор | Ш. Шокирзода |
| Муовини Директор | М. Холиқзода |
| Муовини Директор | Қ. Давлатзода |
| Сардори МД "МКҲ" | Х. Қосимов |
| Сардори шӯъбаи кадрҳо ва<br>Корҳои махсус | А. Комилов |
| Сардори шӯъбаи молия ва ҳисобот | Н. Сабурова |
| Сардори раёсати барномасозии<br>МД "МКҲ | Ф. Мирпочоев |

# VIII. ОҒОЗИ КОР БО ПЛАНШЕТ

Барои тартиб додани рӯйхати бино (хонаҳо) дар маҳалҳои шаҳрӣ ва деҳот кормандони муваққатии ҷалбшуда бо планшет таъмин мешаванд (рас. 1). Дар мисол, планшети Lenovo-ро дида мебароем. Қайд кардан зарур аст, ки дигар намуд тамғаҳои планшет дар рафти тартиб додани рӯйхати бино (хонаҳо) дар маҳалҳои шаҳрӣ ва деҳот истифода бурда мешаванд.






Расми 1. Планшети Lenovo.

Якҷоя бо планшет таҷҳизоти баркдиҳанда, ки аз қувваи барқ қувва мегирад ва дар баъзе моделҳо чихол ба бақайдгиранда барои тартиб додани рӯйхати бино (хонаҳо) дода мешавад (расми. 2).



Расми 2. Таҷҳизоти қуввадиҳанда (Зарядное устройство).

Барои фаъол кардани планшет бояд тугмачаи баркро (тугмачаи аввал аз тарафи рости панел) то пайдо шудани логотипи Lenovo якчанд сония пахш кунед (рас. 3).




Расми 3. Тугмачаи фаъолкунандаи планшет (включение планшета).

Барои хомӯш кардани планшет, инчунин бояд тугмаи барқро дар тӯли якчанд сония пахш кунед ва вақте, ки паём пайдо шавад, дар он бояд сатри "Хомӯш кардан"-ро («Выключение») интихоб кунед.

Дар ҳолати зарурӣ бошад, дар ин равзана сатрҳои "Бозоғоз" (Перезагрузка») - барои аз нав фаъол/хомӯш кардани планшет, "Ҳолати парвоз" («Режим полета») - барои фаъол/хомӯш кардан вобаста ба зарурат реҷаи корӣ - мутаносибан "офлайн" (ҳолати парвоз фаъол аст) ё "онлайн" (ҳолати парвоз хомӯш аст) интихоб карда мешаванд (рас. 4).



ҳолати парвоз фаъол аст
(режим полета включен)



ҳолати парвоз ғайрифаъол аст
(режим полета выключен)

Расми 4. Равзанаи паём.

Усули "онлайн" интиқоли маълумотҳоро аз планшет ба сервери Агентии омор ҳар бегоҳ пас аз ба итмом расидани пурсиши ҳамаи бино (хонаҳо) ва истиқоматкунандагони он таъмин менамояд. Агар планшет дар ҳолати офлайн бошад, маълумот дар планшет ҷамъ оварда мешавад. Дар ин ҳолат, бояд диққат диҳед, ки дар лаҳзаи аввал зарур аст, ки планшетро ба реҷаи "онлайн" гузаронида, ба серверҳои Агентии омор маълумотҳоро интиқол диҳед, то ин ки гум нашаванд.

Фаъол ва хомӯш кардани ҳолати парвозро, инчунин метавонед бо истифода аз панели болои экран аз боло то поён ду маротиба бо ангушт пахш кунед.

Баъд аз расиши пахши дуюм дар экрани панели болоӣ нишондоди ҳолати парвоз пайдо мегардад, ки бо ранги сафед ишора шудааст ва маънои фаъол будани ҳолати парвозро нишон медиҳад (рас. 5).




Расми 5. Нишонаи фаъол будани ҳолати парвоз.

Барои хомӯш намудани он тугмачаро пахш намудан лозим аст, баъд аз он намуди хаткашидаи ҳолати парвозро қабул мекунад, ки маънои хомӯш будани ҳолати парвозро нишон медиҳад ва гузаштани планшет ба ҳолати «онлайн», ки алоқа ва фиристодани маълумотҳоро ба сервери Агентии омор ва таъмин менамояд (рас. 6).




Расми 6. Тугмачаи «Ҳолати парвоз» дар панели болоии ҳолати «онлайн».

Дар ҳолати андаке пахш намудани тугмачаи планшет он ба ҳолати ғайрифаъол, каммасрафии ҳолати корӣ мегузарад, ки дар ин маврид планшет хомӯш намегардад, лекин экран хомуш мегардад. Барои аз ҳолати ғайрифаъоли экран баромадан тугмачаи фаъолгардониро пахш намуда, сипас аз рӯи экран аз боло ба поён бо ангушт бурдан, зарур аст (рас. 7).




Расми 7. Баромад аз реҷаи ғайрифаъол.

Агар планшет аз ҳолати ғайрифаъол (спящего режима), ягон ҳаракат ба ӯ таъсир накунад ва хомӯш нагардад, дарҳол ӯро хомӯш намоед (маълумотҳои сабтшуда метавонад гум шавад барои он, ки маҷбуран планшетро хомӯш намоед, тугмачаи фаъолро зер карда, дар давоми даҳ ва зиёда сония дошта истед.

Тугмачаҳои стандартии менюи планшет, ки дар қисми поёнии экран ҷойгиранд ва бо чунин тарз истифода мешаванд:

1 - тугмаи "Бозгашт" ба амали пешина (равзана) бармегардад, ё равзанаи клавиатураро мепӯшонад;

2 - тугмаи "Хона" ба мизи корӣ мегузарад;

3 - тугмаи "Барномаи охир" рӯйхати ҳамаи замимаҳои кушодаро боз мекунад (рас. 8).




Расми 8. Тугмачаҳои стандартии менюи планшет.

Барои таъмини кори мунтазами планшет, сатҳи барқи батареяи онро назорат кардан зарур аст, ки он дар кунҷи рости болоии планшет дар шакли тасвири батарея ва сатҳи зарядро бо фоиз нишон медиҳад. Расми батарея инчунин сатҳи заряднокии онро инъикос мекунад. (рас. 9).




Расми 9. Сатҳи заряди батареяи планшет.

Пур кардани заряди планшет бо истифода аз пуркунандаи барқ ҳангоми дастрасӣ ба барқ сурат мегирад. Барои ин сими барқро ба пайвасткунаки micro-USB -и планшет, ки дар болои кунҷи рости панел ҷойгир аст, пайваст кунед ва пуркунандаи барқро ба вcase барқ пайваст кунед. (рас. 10).



Расми 10. Заряди планшет аз вaслаки барқдиҳанда.

**Истифодаи реҷаҳои онлайн ва офлайн.**

Ҳангоми интиқол додани маълумотҳо ба серверҳои Агентии омор, планшет бояд дар реҷаи "онлайн" кор кунад.

Истифодаи реҷаи "офлайн" дар ҳолатҳое иҷозат дода мешавад, ки сатҳи сигнали мобилӣ хеле паст аст ва ин кори бақайдгирандаро хеле мушкил мекунад.

Инчунин, ҳолати кории "офлайн" ҳамчун ҳолате фаҳмида мешавад, ки дар планшет ягон алоқаи мобилӣ мавҷуд нест.

Дар ҳолати кории аввал бо барномаи таъминотии "Бақайдгиранда" (яъне танҳо як бор) бақайдгирӣ сурат мегирад.

**Кор бо клавиатураи виртуалӣ.**

Маълумот тавассути клавиатураи виртуалӣ ворид карда мешавад, ки он дар поёни экран пас аз пахш кардани курсор дар майдони воридкунии маълумотҳо пайдо мешавад (рас.11).




Расми 11. Клавиатураи виртуалӣ (забони русӣ).

**Вазифаҳои тугмаҳои асосӣ:**

| | |
|---|---|
|  | 1 – гузариш ба забонҳо аз забони англисӣ ба русӣ ва баръакс |
|  | 2 – фаъол / хомӯш кардани ҳарфҳои калон |
| ?123<br>АБВ | 3 – гузариш ба тарҳбандии клавиатура аз ҳарфӣ ба рақамӣ;<br>– гузариш ба тарҳбандии клавиатура аз рақамӣ ба ҳарфӣ |
|  | 4 – нест кардани аломатҳои хато воридшуда |
| <br> | 5 – гузариш ба саволҳои дигар<br><br>- тасдиқ ва анҷом додани воридкунии маълумот (клавиатураро аз экран дур мекунад) |
| Русский | 6 – фосила байни аломатҳо |

Тугмача инчунин барои иваз кардани тарҳбандии клавиатура аз рақамӣ ба алифбоӣ 3 – АБВ истифода мешавад (рас. 12).




Расми 12. Тарҳбандии клавиатураи рақамӣ.

# IX. <u>ОҒОЗИ КОРИ БАРНОМАИ «БАҚАЙДГИРАНДА», БАҚАЙДГИРИИ ПЛАНШЕТ</u>

Барои ба кор андохтани барномаи таъминотӣ ярлики **«Бақайдгиранда»**, ки дар мизи кории планшет ҷойгир шудааст, истифода бурда мешавад (рас. 13).




Расми 13. Ярлики «**Бақайдгиранда**».

Дар планшет барномаи “**Бақайдгиранда**” насб шудааст – барномаи таъминотии махсус, ки имкон медиҳад:

маълумоти ҳар як бино (хона)-ро ворид мекунад;

барои муайян кардани номувофиқатӣ контролҳои мантиқӣ ва арифметикиро иҷро мекунад;

маълумоти ҷамъовари кардашудаоро ба сервер равон менамояд;

аз сервер номи минтақаҳо, кӯчаҳоро мегирад.

Истифодаи якумини барномаи таъминотии **«Бақайдгиранда»** дар мисоли маҳали деҳот. Бояд қайд кард, ки барномаи таъминотии **«Бақайдгиранда»** танҳо бо забони тоҷикӣ таҳия шудааст ва ҳангоми намунаи расмҳо танҳо ба забони тоҷикӣ таҳия карда мешавад.

Пеш аз ҳама, бояд барномаи таъминотии **«Бақайдгиранда» -** ро барои тартиб додани рӯйхати бино (хонаҳо) фаъол намоед. Барномаи таъминотии “Бақайдгиранда” кушода мешавад, ки дар он бақайдгиранда бояд рӯйхати бино (хонаҳо)-ро дар минтақаи бақайдгирии худ тартиб диҳад (рас. 13).




Расми 14. Барномаи таъминотии **«Бақайдгиранда»**.

Аз кунҷи болоии равзана бояд  пахш кунед ва 

-ро интихоб кунед, сипас зарур аст, ки сабти номро дар системаи **«Бақайдгиранда»** тасдиқ кунед (рас.15а). Бақайдгирии

бақайдгиранда ба зиммаи кормандони техникии Агентии омори вогузор карда шудааст, вале дар баъзе мавридҳо аз нав бақайдгирии бақайдгиранда (дар минтақаҳои дурдаст) пайдо шуданаш мумкин аст. Дар ин ҳолатҳо, логин ва рамзро администратори система хабар медиҳад.




Расми 15а. Бақайдгирии бақайдгиранда.




Расми 15б. Бақайдгирии бақайдгиранда.

Барои бақайдгирии бақайдгиранда гирифтани логин ва рамз муҳим аст (рас.15в.).




Расми 15в. Бақайдгирии бақайдгиранда.

Барои тартиб додани рӯйхати бино (хонаҳо) бақайдгирандаро зарур аст, ки барои дохил намудани маълумотҳо тугмачаи **« МАЪЛУМОТҲО»-ро** зер намояд (рас.16).




Расми 16. Дохилкунии маълумот ба барномаи таъминотии **«Бақайдгиранда».**

Барои дохил намудани маълумотҳо равзана пайдо мешавад, ки барои интихоб намудани минтақа тугмачаи  пахш намуда, дар равзанаи пайдошуда, тугмачаи **«Интихоби минтақа»** (шаҳр, шаҳрак, маҳали аҳолинишини деҳот)-ро интихоб намоед (рас.16.а, 16.б. ва 16.в).




Расми 16.а Интихоби минтақаи бақайдгиранда.




Расми 16.б Интихоби минтақаи бақайдгиранда.

Ба бақайдгиранда зарур аст, ки ҳамон минтақаро интихоб намояд, ки дар он қарор дорад ва дар он рӯйхати бино (хонаҳо)-ро тартиб медиҳад. Баъд аз интихоби деҳа аз рӯйхати деҳаҳо, барои оғози кор бояд тугмачаи «Ок»-ро пахш намояд (рас. 16.в). Дар мисоли мо 10004 – Шохтут.




Расми 16.в Интихоби минтақаи бақайдгиранда.

Баъдан аз рӯи деҳаи 1-«Шохтут» рӯйхати бино (хонаҳо) аз рӯи ҷойгиршавии бино (хонаҳо) бояд пур карда шавад. Дар равзанаи болоии кушодашуда тугмачаи 2-«ДОХИЛКУНӢ»-ро барои дохил намудани бинои якум, ки дар ҳамин деҳа тартиб дода мешавад, пахш намоед. (рас. 17)




Расми 17 Илова намудани бино (хона).

Дар равзанаи планшет саволҳо барои бино (хонаҳо) кушода мешаванд, ки бақайдгиранда ба пурсидашаванда барои гирифтани маълумотҳои бино (хонаҳо) саволгузорӣ менамояд. (рас. 18)




Расми 18. Бақайдгирӣ ва саволҳо барои бино (хонаҳо).

**БАРОИ ҚАЙДҲО**

Фармоиши № ______Адади нашр_____нусха
Ба чоп дода шуд   «____»___________ соли 2020
РТНТ МКҶ Агентии омори назди Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон